**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01.01 - Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудаст**

***Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.*** Муҳиммияти самти мазкури тадқиқот бо зарурати таъмини самаранокию устувории рушди кишвар пайваст мебошад, зеро ки:

- дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон - асосноксозии самтгирии ислоҳотҳои иқтисодӣ бевосита ба механизмҳои банақшагирии стратегӣ, таҳлил ва таҳияи сенарияҳои рушди иқтисод ба солҳои оянда пайваст аст;
- дар ҷумҳурӣ – пояи меъёрии ҳуқуқии банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла дар доираи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» торафт мукаммал гардида, равандҳои банақшагирӣ бо таҳия ва амалишавии силсилаи стратегияю барномаҳои рушди кишвар таъмин мегарданд. Ҳамзамон, ҳоло вазъи рушд дар бозорҳои ҷаҳон зудтағйирёбанда буда, бо пайдо шудани чолишҳои нав барои иқтисодиётҳои хурди кушод, ба мисли Тоҷикистон, пайваст аст. Дар чунин шароит бо такя ба механизми банақшагирии стратегӣ имкониятҳои амалигардонии принсипҳои рушди превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионӣ афзун мегардад;
- дар марҳилаи муосири рушд - ташаккули диди стратегии рушд ва иҷрои натиҷаноки барномаҳои дарозмуддати рушд, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бевосита аз имкониятҳои инкишофи механизмҳои сиёсати пешгирикунанда вобаста аст.

Аз ин лиҳоз, неруи ватанӣ дар самти мазкур бояд афзун гардад, коркардҳои илмӣ метавонанд ба ин саҳмгузор бошанд. Дар ин раванд, таҳқиқоти диссертатсионии Восидиён Фарҳод Саъдулло хеле мубрам буда, дар он ҷанбаҳои асосии инкишофи низоми банақшагиии стратегӣ дар

шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардиданд. Мубрамияти мавзӯъ боз дар он аст, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии банақшагиии стратегӣ таваҷҷуҳи баробар дода шудаст, ки барои рушди назарияи иқтисодӣ ва амалисозии сиёсати иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудаст.*** Нуқтаҳои асосии навигариҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01-Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) коркард шуданд.

Диссертатсия ба чунин бандҳои Шиносномаи мазкур мутобиқ аст: банди 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ; ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат; банди 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи рушди иқтисодӣ; назарияи давраҳои иқтисодӣ ва буҳронҳо; назарияи мувозинати макроиқтисодӣ; назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он; банди 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти гузариш ва шаклдигаркунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; интихобҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Баррасии адабиёти илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, ки муаллифи он анҷом додааст, нишон дод, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ назарияҳою таҷрибаи амалии гуногун дар самти банақшагирии стратегӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, зарурияти гузаронидани таҳқиқотҳои иловагӣ оид моҳияти банақшагирии стратегӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ ва марҳилаи муосири рушди кишвар ҷой дорад. Аз ин лиҳоз муаллифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур чун мақсад ба таҳқиқи ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва методии низоми банақшагирии стратегӣ, баҳодиҳии низоми миллии амалкунанда ва нақши он дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани механизм ва модели миллӣ барои такмили минбаъдаи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар таваҷҷуҳи баланд дод.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур муаллифи таҳқиқот ҳалли вазифаҳои мушаххасро таъмин намуд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ ва автореферат навгониҳои илмӣ, ки ба натиҷаҳои таҳқиқоту таҳлили гузаронидашуда такя мекунанд, инъикос шуданд, аз ҷумла натиҷаҳои таҳқиқот бо чунин ҷанбаҳо пайваст аст: 1) таҳқиқу таҳлили қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ таъмин гардида, пешниҳодҳо дар самти такмили неруи ватании банақшагирии стратегӣ бо назардошти ҳадафу афзалиятҳои муайянгардида ва тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон асоснок гардиданд; 2) муайян гардид, ки низоми банақшагирии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар он як қатор масъалаҳо, ба монанди ҳамоҳангсозии байни мақомотҳо, касбияти мутахассисони соҳавӣ, алоқамандии банақшагирии стратегӣ бо раванди таҳияи буҷет ва ғайра ҷой доранд. Вобаста ба ин, такмили доимии низоми мазкур, сохтори амалкунандаи вазорату идораҳо ва нерӯи кадрии онҳо ба мақсад мувофиқ ҳисобида шуд; 3) асоснок карда шуд, ки дар мониторинги ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ истифодаи назарияи «тағйирот» дар раванди мазкур барои баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории татбиқи онҳо муҳим буда, шакли ягонаи матритсаҳо ва ҷадвалҳои мониторинг бояд таҳия шуда, бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ тарзу услуби ҳисоби индикаторҳо ва дигар нишондиҳандаҳои мониторингу арзёбӣ ба алгоритми ягона бояд ворид карда шавад; 4) тасдиқ карда шуд, ки барои татбиқи сифатнок ва саривақтии мақсаду вазифаҳо бояд арзёбии доимии тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла, низоъҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои абарқудрат, ҷоринамоии таҳримҳои нисбат ба шарикони асосии Тоҷикистон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин тағйирёбии иқлим таъмин гардад; 5) асоснок карда шуд, ки низоми банақшагирии стратегии кишвар ба ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ бояд такя намояд.

Дар натиҷа, ба назари мо, навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда, масъалаҳои баррасишавандаро инъикос менамоянд. Дар доираи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01- Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) коркардҳои диссертатсионӣ базаи кофӣ барои пешниҳоди чунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда доро мебошад:

- таърифи муаллифии банақшагирии стратегӣ дар асоси таҳқиқи заминаҳои назариявию методӣ ва институтсионалии он муаррифӣ гардид;
- принсипҳои самаранокии низоми банақшагирии стратегӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд, муайян карда шуд;
- асосҳои методологии раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ ташаккул дода шуд;

•марҳилаҳои ташаккулёбӣ, хислати рушди низом, дарккунии иштирокчиёни раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳолати кунунии он, ки таҳияи модели низоми банақшагирии стратегӣ барои Тоҷикистонро аз нуқтаи назари системавӣ ва маҷмӯӣ асоснок менамоянд, муайян карда шуд;

•нақши низоми миллии банақшагирии стратегӣ дар ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва коҳиш додани таъсири манфии хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардид;

•дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияҳои воқеӣ, буҳронӣ ва шиддатнок, инчунин гурӯҳбандии омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсиррасон омода гардид.

***Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.*** Асоснокккунии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванд, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ дар сатҳи кишвар, ҳамгироии он ба низоми ташаккул ва пешбурди сиёсати иқтисодии кишвар, инчунин истифодабарии усулҳои таҳлил ва моделсозии сенариявии рушд тасдиқ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

*Дар сарсухани* рисолаи диссертатсионӣ тавсифи аҳамияти мавзуъ, дараҷаи коркардашуда будани он, вобастагиҳо бо - барномаҳои давлатӣ ва масъалаҳои илмию методологӣ, инчунин мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот таъмин шудааст. Ишораҳои зарурӣ оиди асосҳои назариявӣ ва методӣ, сарчашмаҳои иттилоот ва базаи таҳқиқот гузошта шуданд. Ҳамзамон, навгонии коркардҳои илмӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва инъикоси онҳо дар нашрияҳои муаллиф оварда шуданд.

Вобаста ба ин, муаллиф дар *боби якум - Заминаҳои назариявӣ ва илмию методии низоми банақшагирии стратегӣ* –ро мавриди омӯзиш қарор дода, дар доираи он мафҳумҳо, усулҳо ва меъёрҳои асосии банақшагирии стратегӣ, ки олимони пешсаф дар ин соҳа пешниҳод кардаанд, гурӯҳбандӣ намуд (сах. 18, 22, 47).

Тавсифи муаллифии низоми банақшагирии стратегӣ чун раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо мебошад, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори давлат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад, пешниход гардид (саҳ. 34). Таъкид гардид, ки ҳоло мушкилии муайян намудани вобастагии байниҳамдигарии иҷрои ҳуҷҷатҳои стратегӣ, тафовути байни вазифаҳо ва захираҳо, бахусус захираҳои молиявӣ, кадрӣ, техникию технологӣ, имкониятҳои демографию сайёҳӣ ва ғайраҳо ҷой доранд (саҳ. 36).

Дар боби мазкур таъкид мегардад, ки низоми банақшагирии стратегӣ бояд ба меъёрҳои муайян, ба монанди мутобиқшавӣ, устувории дарозмуддат, ҳадафмандӣ, рақобатпазирӣ асос ёбад ва ин имкон медиҳад, ки қарорҳои асоснок қабул гардида, устувории макроиқтисодӣ дар шароити тағйироти доимӣ таъмин карда шавад. Ҳамзамон дар ин боб модели таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ пешниҳод гардид (саҳ. 49), ки барои ташаккули манзараи робитаҳои байнимақомотии ин раванд хеле муҳим аст. Бо такя ба таҳлили таҷрибаи дигар кишварҳо пешниҳод шудааст, ки низоми банақшагирии стратегӣ бояд бо назардошти имконияту неруи кишвар, мавқеи ҷойгиршавӣ, шариконі асосии тиҷоратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳандозӣ гардад, ки ин ниҳоят барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва дар маҷмуъ, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад ( саҳ. 69).

Дар *боби дуюм - Таҳлили вазъи банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* инкишофи низоми мазкур арзёбӣ гардидааст, ки - имконияти ҷудо намудан 4 марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро таъмин намуд (саҳ. 73); ба инъикоси раванди барномасозии рушд ва ба сатҳҳои нав баромадани вазифагузориҳо мусоидат намуд (саҳ. 86 – 89); коркарди сабакҳоро аз таъсири буҳронҳои иқтисодӣ ба рушди кишвар таъмин намуд (саҳ. 102 – 105); аҳамияти низоми банақшагирии стратегии кишварро дар самти ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣро тасдиқ намуд ( саҳ. 110-113).

Дар *боби сеюм - Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ* мавриди коркард қарор ёфтанд. Ишораҳои муаллиф ба зарурати - мунтазам батанзимдарории давлатии низоми банақшагирии стратегӣ бо назардошти тағйиротҳои дохилию ҷаҳонии бавуҷудоянда (саҳ. 125); таъмин намудани дигаргунсамтии иқтисодиёт, таҳкими имкониятҳои институтсионалии кишвар, пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва дар ин замина беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ( саҳ.136); таҳияи пешгуиҳои сенаривии рушди кишвар ба давраи то соли 2030 –дар доираи муддати амали Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 138 – 142)-ро хеле муҳим хисоб менамоем.

Дар *хулоса*, асосҳои назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд. Инчунин, қисматҳои хулоса ба навгонии илмӣ такя намуда, дастовардҳои диссертатсияро инъикос менамояд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.*** Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо ҳам пайваст буда, бо чунин ҷанбаҳо пайваст аст:

*Саҳми таҳқиқоти* мазкур ба рушди пояи илмию методологии низоми банақшагири стратегӣ, махсусан дар чорчӯбаи институтсионалии низоми мазкур дар шароити муосири рушд, назаррас буда, дорои аҳамияти илмӣ

мебошад. Таҳлили таҷрибаи дигар кишварҳо доир ба ташаккул ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ, таҳқиқи таҷрибаю хусусиятҳои низоми мазкури ватанӣ, коркарди принсип ва моделсозии сенариявии рушди иқтисодиёти кишвар метавонанд асоси коркардҳои минбаъдаи *илмӣ – методологӣ* гарданд.

*Аҳамияти амалии диссертатсия* дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада метавонанд ба фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти тақвияти - механизми амалигардонии банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахш, муосиргардонии самтҳои стратегии рушд ва таҳияи стратегияи нави рушди кишвар ҳамгироӣ карда шаванд. Дар амалия баинобатгирии тавсияҳои дар диссертатсия асоснокшуда метавонад ба баланду устувортар намудани неру, тавонмандӣ ва натиҷанокии банақшагирии стратегӣ дар кишвар мусоидат намояд.

*Аҳамияти иқтисодиии коркардҳои диссертатсионӣ* бо саҳм дар баландтар намудани сифати қарорҳои идоракунӣ ва натиҷанокии онҳо пайваст мебошад.

*Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ* дар баландтар шудани боздеҳи қарорҳои идоракунӣ (дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои стратегиии рушд) ба аҳолии кишвар - беҳтар намудани сатҳу зиндагонии мардум инъикоси худро меёбад.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ***. Оид ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақола, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб ва хулосаву пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 218 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад. Диссертатсия дар 196 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 25 ҷадвал, 6 диаграмма ва 20 расмро дар бар мегирад.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот***. Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01. Назарияи умумии иқтисодӣ ( иқтисоди сиёсӣ)) ҷавобгӯ буда, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ва дигар талаботи муқарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқат мекунад.

Дар маҷмӯъ, қайд намудан лозим аст - ноишавӣ ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки бо таҳқиқи ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва методии низоми банақшагирии стратегӣ, баҳодиҳии низоми миллии амалкунанда ва

нақши он дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муайян намудани механизм ва модели миллӣ барои такмили минбаъдаи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар пайваст аст, ба назар мерасад.

Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло ҳаматарафа мавзуи таҳқиқшавандаро баррасӣ менамояд, сохтори он дорои вобастагиҳои мантиқӣ буда, навгониҳои бадастомада саҳми муаллифро дар рушди низоми банақшагирии кишвар инъикос менамояд.

***Камбудиву эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки қайд кардани онҳоро лозим мешуморем, ба монанди:

- пеш аз ҳама, мавзуъ бо коркарди аниқтари методологияи банақшагирии стратегии рушд дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ хеле пайваст аст. Дар ин раванд вориди тавсифу инъикоси истифодаи усулҳои интихоб ва нигаҳдории афзалиятҳои стратегии кишвар (ҳам аз нуқтаи назари методӣ ва ҳам аз нуқтаи назари сиёсати пешгирикунанда) ба таҳлилҳои муаллифии раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавиро муҳим мешуморем;
- каме равшантару мушаххастар инъикос намудани сутунҳои бо ҳам пайвасти банақшагирии стратегӣ – банақшагирии макроиқтисодӣ, тавсифи тамоюлҳою чолишҳои дарозмуддат ва таносубҳо дар байни бахшу соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар қисматҳои боби 1 ва 2 пояи асосноксозии биниши стратегии рушди кишвар дар боби 3 – юми кори диссертатсиониро ғанӣ мегардонид;
- муаллиф дар диссертатсия худ хеле хуб қайд менамояд, ки дар кишвар силсилаи стратегияҳо ва барномаҳо, ки бо ҷанбаҳои алоҳидаи таъмини рушд пайваст мебошанд, мавриди амал қарор гирифтанд, яъне диди маҷмуии стратегӣ ва талошҳои Ҳукумат дар ин самт муайян аст. Кор бурд мекард, агар ба инъикоси васеътари арзёбии иҷро ва идораи низоми мониторинг бо назардошти ҷой доштани таъсири мутақобила байни ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди кишвар таваҷҷуҳи бештар дода мешуд;
- дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур зарурати таҳлили мушаххаси заминаю маҳдудиятҳои институтсионалии торафт бештар ворид намудани назарияю услубҳои «тағйирот» ба низоми банақшагирии стратегӣ, ки дар бештари кишварҳои рушдёфтаи ҷаҳон бештар паҳн мешавад, эҳсос мегардад.

Эродҳои номбаршуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшаванда мебошанд, характери тавсиявӣ доранд, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонанд.

***Хулосаи ҷамъбастӣ***. Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01. Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) таҳқиқоти анҷомёфта ба шумор меравад. Таълифот ва автореферати диссертатсия муҳтаво на мазмуни диссертатсияро фарогир мебошад.

Кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаст, ба пуррагӣ ҷавобгу буда, муаллифи диссертатсия Восидиён Фарҳод Саъдулло сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01. Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Муқаррии расмӣ:**
Номазади илмҳои иқтисодӣ,
сардори шуъбаи моделсозӣ ва ояндабинии
равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Муминова Ф.М.

Суроға: 734024, кучаи Мирзо Ризо 6а
Тел: +992 907 58 39 39
почтаи электронӣ: info@ied.tj, HFarida @ yandex.ru

**Имзои Ф.М. Муминоваро тасдиқ менамоям:**

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Зиёева М.С.
08.05.2025.